**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи “Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари “Ҷейн Эйр”-и Ш.Бронте)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гардидааст.**

Дар рисолаи илмӣ Давлатова Моҳшариф ба таҳлили типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар асоси асари “Ҷен Эйр”-и Ш. Бронте таҳлил намудааст.

Асоси назариявии таҳқиқи мазкурро таҳлилу баррасии муқоисавии номутобиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ ташкил медиҳад. Оид ба ин масъала то имрӯз як қатор олимон таҳқиқотҳои илмӣ ба сомон расидаанд, аз ҷумла олимони хориҷӣ ба монанди К.И. Ковалева, Л.С. Бархударов, М.М. Бахтин, Е.М. Верешагин, В.Г. Костомаров, В.С. Виноградов, Т. Гачечлизаде , Т.А. Казакова ва ватанӣ Ҳ. Аҳрорӣ, Р. Ҳошим, М. Шукуров, Ф.М. Турсунов, А. Аминов, С . Р . Кессамирова ва дигарон ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.

Мавзуи номутобиқатии воҳидҳои луғавӣ дар раванди тарҷума кори тарҷумонҳоро ниҳоят душвор мегардонад, зеро номутобиқатии воҳидҳои луғавии матни асл ва тарҷума боиси нодуруст тарҷума намудани матн ва коста гаштани муҳтавои матни асл мегардад.

Рисолаи илмии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия – **“Асосҳои назариявии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷума”** унвон дошта, аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ ифода ёфтаанд, ки асоси раванди таҳқиқро ташкил медиҳанд.

Боиси зикр аст, ки дар дар ҳама забонҳо номутобиқатии воҳидҳои луғавӣ мушоҳида мегардад ва тарҷумон дар дилхоҳ маврид бо он дучор мегардад, аз ин рӯ, ӯ бояд дар бораи номутобиқатӣ дар раванди тарҷума донишҳои хуби назариявӣ дошта, онҳоро дар амал татбиқ намуда тавонад.

Боби дуюм "**Номувофиқатӣ дар тарҷумаи воҳидҳои луғавӣ: мушкилоти муодилнокӣ ва бемуодилӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ"** ном дошта, аз ду зербоб иборат буда, он фарогири масъалаҳои мушкилоти муодилнокӣ ва бемуодилӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ мебошад.

Боби сеюм "**Таҳлили номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар раванди тарҷума"** унвон дошта, аз чор зербоб иборат аст. Дар ин боб навъҳои номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаҳои забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар натиҷаи илованамоӣ баррасӣ шудаанд.

Муҳаққиқ Давлатова М.О. ба мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташуда ноил гардидаааст. Муаллиф асоси пурраи назариявиро овардааст ва дар асоси маводи бадеӣ фикру ақидаи худро тасдиқ карда тавонистааст.

Автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, бовуҷуди он дар фишурда баъзе иштибоҳҳои имлоӣ ва услубӣ мавҷуд ба назар мерасанд, ки онҳо ҷузъӣ буда, ба сифати таҳқиқот таъсир намерасонанд ва автореферат мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб шудааст. Дар автореферат интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ 6 адад мебошад, муҳтавои мавзуъро инъикос кардаанд, ки аз он 3 адад дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна тибқи талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси

6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) арзанда аст.

**Муқарриз:**

Доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси
кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд **Азизова Зарина Шавкатовна**


**Суроға:**

735699, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш.Гулистон, кӯчаи Истиқлол 80/1.
Тел: (992)92-7901995.
E-mail: zarina230995@mail.ru


Имзои доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси
кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи
иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд З.Ш.Азизоваро
тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд **Маҳмудов Шаҳзод Усмонҷонович**

Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд" Шӯъбаи кадрҳо

"19" майи 2025


**Суроға:**

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
хиёбони И. Сомонӣ-169, www.iet.tj,
E-mail: info@iet.tj, тел: 83422 6-03-21